**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори Шурои диссертатсионӣ дар 04.07.2023, № 7

Барои сазовор донистани Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ, рӯзи 04 июли соли 2023 (қарори № 7) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд) 17 марти соли 2023, суратмаҷлиси №3 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир 07 июли соли 1969 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1992 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики Институти педагогии давлатии Душанбе ба номи Қ.Ҷӯраев (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ)-ро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 1998 диссертатсияи номзадияшро дар мавзуи «Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ таҳти роҳбарии доктори илми филология Бозор Тилавов ҳимоя намудааст. Аз 14.03.2023 то ин замон мудири кафедраи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Раҳмонов Равшан Қаххорович** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Салимӣ Носирҷон Юсуфзода** – доктори илми филология, профессор, академики АМИТ, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Охониёзов Варқа Дустович** – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти

Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ ва **Файзуллоев Неъматҷон** – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намуданд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷик Тағоймуродов Р.Ҳ., номзади илми филология, мудири кафедраи адабиёти тоҷик Аҳмадов С.Г., эксперт – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷик Икромов И., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик Ҳакимов С.Т. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми биология, узви вобастаи АМИТ профессор Давлатзода С.Х. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи доктории Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бо дарназардошти муқарраroти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаҳои адабиётшиносию фолклоршиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 20 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз ин 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Қосимӣ, С. Нигоҳе дар бораи ду варианти суруди «Саршӯён» [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – №6 (89).– С. 154-157.

[2-М]. Қосимов, С. Масъалаҳои таҳқиқи жанри суруд [Матн] / С. Қосимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021.– №1 (90). – С. 140-144.

[3-М]. Қосимӣ, С. Мавқеи суруд ва порчаҳои манзум дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: ДМТ, 2021. – №4. – С. 156-162.

[4-М]. Қосимӣ, С. Вижагиҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021. – №5 (94). – С. 135-140.

[5-М]. Қосимӣ, С. Ҷойгоҳи сурудҳои баҳорию наврӯзӣ дар адабиёти гуфторӣ [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих). – Душанбе: Нӯшбод, 2021. – №4 (44). – С. 117-128.

[6-М]. Қосимов, С. Аз таърихи истилоҳи суруд ва муродифҳои он [Матн] / С. Қосимов // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). – Душанбе: Дониш, 2021. – №4. – С. 143-154.

[7-М]. Қосимӣ, С. Холиқ Мирзозода – фолклоршинос [Матн] / С. Қосимӣ // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №1 (017). – С. 157-162.

[8-М]. Қосимӣ, С. Пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ дар даврai Истиқлоли давлатӣ [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. – №4 (97).– С. 170-76

[9-М]. Қосимӣ, С. Масъалаи омӯзиши сурудҳои халқии тоҷикии маросими тӯйи арусӣ [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. – №4 (97).– С. 188-193.

[10-М]. Қосимӣ, С. Марсия ё сурудҳои маросими мотам [Матн] / С. Қосимӣ // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №3 (020).– С. 155-162.

[11-М]. Қосимӣ, С. Нигоҳе ба сурудҳои таърихии халқи тоҷик [Матн] / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Душанбе: Матбаа, 2022. – №1-4 (104).– С. 14-19.

[12-М]. Қосимӣ, С. Таҳқиқи сурудҳои «Алла» ва кӯдакона [Матн] / С. Қосимӣ // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №2. – С. 154-162.

[13-М]. Қосимӣ, С. Назаре ба вазни сурудҳои халқии тоҷикӣ / С. Қосимӣ // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих). – Душанбе: Нӯшбод, 2022. – №3 (47). – С. 75-82.

[14-М]. Қосимӣ, С. Гирдоварӣ ва нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ / С. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Хоруғ, 2022. – №3 (23). – С. 100-112.

[15-М]. Қосимӣ, С. Проблемаи вариантнокии сурудҳои халқӣ [Матн] / С. Қосимӣ // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №4. – С. 148-152.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[1-М]. Қосимӣ, С. Саҳми Холиқ Мирзозода дар таҳқиқи фолклори тоҷик [Матн] / С. Қосимӣ // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX» бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 110-солагии д.и.ф., профессор Х. Мирзозода, 18-19.05.2021. – Душанбе: Принт, 2021. – С. 129-138.

[2-М]. Қосимов, С. Лоиқ ва фолклор [Матн] / С. Қосимов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Лоиқ Шералӣ ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик» бахшида ба 80-солагии Лоиқ Шералӣ, 25.05.2021. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021. – С. 119-128.

[3-М]. Қосимов, С. Мавқеи суруд ва порчаҳои манзум дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С. Қосимов // Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Сотим Улуғзода, 28-29 сентябри 2021. – Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 103-110.

[4-М]. Саидов, С., Қосимӣ, С. Назаре ба муҳтавои осори фолклоршиносии Мирзо Турсунзода [Матн] / С. Саидов, С. Қосимӣ // Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Мирзо Турсунзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 03-04 майи 2021. – Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 89-103.

[5-М]. Қосимӣ, С., Каримов Б. Мавлоно ва фолклор [Матн] / С. Қосимӣ, Б. Каримов // Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба гиромидошти Рӯзи Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 122-130.

**III. Монография:**

[21-М]. Қосимӣ, С. С. Сурудҳои халқии тоҷикӣ ва масъалаҳои таҳқиқи он. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – 262 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** доктори илми филология, декани факултети филологияи ДМТ Сироҷиддини Эмомалӣ мусбат буда, дар он баъзе камбудиҳои автореферати диссертатсия нишон дода шудаанд: 1) Калимаи «аҳамият» дар фишурда бо ташдиди ҳарфи «м» омадааст, ки ба андешаи мо қобили қабул нест; 2) Дар саҳифаи 46 тарҷума ғалат омадааст: Ковус, Кей, Цезарь. Вале муроди гӯянда ба фикри мо ду шоҳ аст: Кайковус ва Қайсар. Калимаи «Қайсар» бояд «Кессарь» тарҷума шавад, на «Цезарь»; 3) Дар саҳифаҳои 45 ва 46 таъбири «аз бойгонии муаллиф» (дар поварақ) тарҷума нашуда, дар мисоли санъати ширу шакар мисраъҳои узбекӣ тарҷума нашудаанд (мисраи 2 – Только тебя люблю, мисраи 4 – Молоко и сливки пью).

2. **Тақризи** доктори илми филология, ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода – Низомӣ Муҳриддин низ мусбат буда, дар он эродҳои зерин нишон дода шудааст:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия нуктаҳои асосии ба ҳимоя тавсияшаванда хеле фишурда, бо як ҷумла ифода шудаанд, ки баъзеи онҳо моҳияти мақсади диссертантро ба пуррагӣ ифода намекунанд.

2. Дар боби сеюми диссертатсия сурудҳои таърихӣ ва ҳаммосиро, ки аз нигоҳи муҳтаво бо ҳам наздиканд, дар як фасл баррасӣ кардан мумкин буд. Чунки миқдори ин қабил сурудҳо дар фолклори тоҷик зиёд нест. 3. Дар автореферат, ҳангоми баррасии сурудҳои маросимӣ, ақаллан, як ё ду мисол дар ҳар фаслу бахш оварда мешуд, беҳтар буд.

3. **Тақризи** доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Саидҷаъфаров Озод мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар кор, баъзан, хатоҳои имлоӣ мушоҳида мешаванд. Ин хатоҳо дар мавриди вожаи «аҳамият», ки дар «Қоидаи имлои забони тоҷикӣ» бо як ҳарфи «м» омадааст ва, ҳамчунин, дар мавриди ибораи изофӣ сохтан бо вожаи «хос»-и арабӣ ба чашм мерасанд (автореферат, саҳ.4,5,6). Вожаи «аҳамият», ҳарчанд дар асли худ ташдиди «мим», яъне «м» дорад, дар имло ҳамин гунаи хатояш қабул шудааст ва ҳангоми интишор бояд ҳамин шаклаш ба инобат гиифта шавад. Вожаи «хос» монанди дигар вожаҳои арабии «фан», «хат», «син», «дур» ва ғайраҳо дар асли худ ташдиди ҳамсадои охирро дорад. Бинобар ин, ҳангоми корбурди он ба ҳайси вожаи нахустин дар ибораҳои изофӣ, ташдиди он бояд ба назар гирифта шавад ва дар шакли «хосси», на «хоси» бояд ба кор бурда шавад.

2. Дар автореферат, баъзан, ноҳамоҳангӣ дар алоқаманд кардани мубтадо бо хабари ҷумла ба назар мерасад. Намунае аз ин адами тавофуқ дар корбурди феълҳои «гирифтан», «шудан» ва «рафтан» ва робитаи аз ҳайси шумора

нодурусти он бо мубтадои ҷумла мебошад. Муаллиф гоҳе мубтадоро дар шакли ҷамъ ва хабарро дар шакли танҳо ва гоҳе, баръакс, мубтадоро дар гунаи танҳо ва хабарро дар гунаи ҷамъ моавард, ки ин бар матни кори вай коҳиши услубиро ба бор меоварад. Ҳамин ҳолат як бор дар сарсатри 6-уми саҳифаи 3-юм ва ду бор дар сарсатри 4-уми саҳифаи 4-ум ва як бор дар ҷумлаи панҷуми сарсатри чаҳоруми саҳифаи 5-уми автореферати диссертатсия мушоҳида мешавад. Ин хатоҳо-ҳама марбут бар муқаддимаи автореферат мебошанд ва ин маънои онро дорад, ки дар матни муқаддимаи диссертатсия ҳамтакрор ёфтаанд, чун тибқи қоидаи пешниҳодшуда муқаддимаи автореферат бо диссертатсия бояд, комилан, як ва ҳазфношуда бошад.

4. **Дар тақризи** доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» – Нуров Нуралӣ ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид карда, ба автореферат ду эрод гирифтааст: 1) Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум гардид, ки дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба ҳосили таҳқиқоти пажуҳишгарони кишварҳои форсизабон камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ҳол он ки умумиятҳое миёни сурудҳои мардумони тоҷику афғон ба чашм мерасанд ва агар дар ҷараёни таҳқиқот таҳлилҳои қиёсӣ низ дар ин замина сурат мегирифт, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд. 2) Дар бархе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо ҳусни илмии корро боз ҳам боло мебарад.

**5. Дар тақризи** доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Ашурова Н. муҳассаноти кори таҳқиқӣ ва муваффақиятҳои муаллиф баён гардида, ҳамчунин, пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд: 1) Дар муқаддимаи автореферат агар ҳар банди қисмати «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда» бо як сархат (чанд ҷумла) ифода меёфт, беҳтар мебуд. 2) Дар матни автореферат дар навишти баъзе калимаҳо, аз ҷумла мантҳо (с. 20), мавиди (с. 21), тӯлонӣ (с. 29) ва рӯҳ (с. 34) қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нагардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқи илмӣ:**

– бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши чор шохаи маъруфи осори ҳунарии адабӣ, яъне матншиносӣ, мавзуъбандӣ, сохторшиносӣ ва услубшиносӣ пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносию фолклоршиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
– бори аввал дар фолклоршиносии тоҷик поэтика ва ҷойгоҳ жанри суруд дар тули таърихи фарҳанги тоҷик ба таври комплексӣ **баррасӣ ва муайян гардидааст;**

- вижагиҳои жанрии сурудҳои халқӣ ва муносибати он бо истилоҳоти «тарона», «бадеҳа», «даргилик» баррасӣ гардида, хусусиятҳои бадеӣ ва ҳунари тасвиргарӣ дар сурудҳои халқӣ **исбот шудаанд;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси анвои гуногуни сурудҳои халқии тоҷикии нимаи дуюми асрҳои XIX, XX ва аввали асари XXI аз байни мардум гирдоварӣ, нашр ва баррасишуда, маҷмуаҳои фолклорӣ, инчунин, матнҳои мунташир дар матбуоти солҳои 20-50-уми асри XX, сурудҳои мавҷуд дар бойгониҳои фолклоршиносон, захираи илмии дастхатҳои ФФТ АМИТ ва бойгонии муаллиф сурат гирифта, дар умум бадеияти сурудҳои халқӣ ба ҳайси меҳвари шаклгиини поэтикаи онҳо дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- истилоҳи «суруд» ва муродифҳои он бар асоси сарчашмаҳои гуфторӣ ва навишторӣ, омӯзиши гирдоварию нашр ва пажуҳиш, анвоъ ва мавзуъҳои сурудҳои халқӣ **таҳқиқ ва баён гардидааст;**
- сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, вариантнокӣ, хусусиятҳои услубии сурудҳои халқӣ ва ҳамоҳангии суруд ва мусиқиро дар истинод ба сарчашма, манбаъ, асарҳои илмию тадқиқотӣ ва хулосаҳои шахсӣ **муайян карда, шарҳу тавзеҳ додааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** барои равшан намудани масъалаҳои гуногуни назми гуфтории мардуми тоҷик ва баъзе аз манотиқи тоҷикзабонони Осиёи Марказӣ, халқҳои форсизабон, ҳамчунин, таҳқиқу таъйиди баъзе масъалаҳои куллии назарияи жанрҳои манзуми фолклорӣ ва қонунмандиҳои пайдоиш ва таҳаввули жанрҳои ҷудогонаи осори гуфторӣ аз аҳаммият холӣ нест. Диссертатсия барои муҳаққиқони фолклоршинос, донишҷӯён, унвонҷӯйҳо, докторантҳо, ҳамчунин, дар таълифи китоби таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷикон судманд хоҳад буд.

Дар ҷараёни пажуҳиш масъалаҳои гуногуни поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ, равиши кор ва андешаҳои назарии муҳаққиқон ба монанди С. Айнӣ, М.С. Андреев, В.П. Аникин, А.Н. Болдирев, И.С. Брагинский, В.М. Гатсак, В.Е. Гусев, В.М. Жирмунский, Н.П. Калпакова, С.Г. Лазутин, Д.С. Лихачев, Е.М. Мелетинский, Б.Н. Путилов, Б.В. Томашевский, Ю.Г. Круглов, А. Сатторзода, В.М. Сиделников, Р. Амонов, В. Асрорӣ, Б. Тилавов, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, Н. Салимӣ, Н. Нурҷонов, А. Раҳмонзода, Б. Шермуҳаммадов, Н. Шакармамадов, У. Тоиров, Р. Раҳмонӣ, Ф. Азизӣ, Н. Ҳакимов ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда аз равишҳои таҳқиқии муосир, аз ҷумла муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, сохторшиносӣ ва таҳлили услубии илмҳои фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ ва мардумшиносӣ истифода карда, бори

аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои ба таҳқиқи сурудҳо дахлдоштаро дар қолаби диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст кардааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд барои муайян кардани истилоҳи «суруд»-у муродифоти он, мухтассоти жанрию муносибати он ба истилоҳоти дигар, масоили гирдоварию нашр ва омӯзиш, анвою муҳтаво ва вариантнокӣ, хусусиятҳои бадеию услубӣ, ҳамоҳангии суруду мусиқӣ ва мавқеи сурудҳои халқии тоҷикӣ дар адабиёти гуфтории тоҷикон барои ҳалли масъалаҳои ҳамгуни назарӣ дар адабиётшиносию фолклоршиносии муосир, дар навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аз маводи диссертатсия дар таълифи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсии фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ ва фарҳангшиносӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин, имкон дорад, ки баъзе нуктаҳои диссертатсия дар раванди таълими дарсҳои фолклори тоҷикон, таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ, матншиносӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус, фарҳангшиносӣ, кишваршиносӣ, фолклори Шарқу Ғарб, таълифи корҳои курсӣ, рисолаи хатми бакалаврӣ, рисолаи магистрӣ, диссертатсияи доктор PhD, диссертатсияи номзадӣ ва доктории илми филология, таърих, мардумшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва мусиқишиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносонию фолклоршиносии хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир мeёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъини тарҳи кор, навиштани монография ва мақолаҳо мустақилият зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати мушовири илмӣ баҳраманд шудааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал дар таърихи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик жанри сурудро

ба таври ҷудогона дар партави фарҳанги ниёгон ва дастовардҳои илми фолклоршиносии кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ намуда, бо далелҳои илмӣ поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикиро аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ ва бадеият мавриди пажуҳиши доманадор қарор дода, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ, пешниҳоди маълумот ва пешфарзҳо барои таҳқиқоти баъдӣ ва дастовардҳои назаррас дорад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 04 июли соли 2023 дар бораи сазовор донистани Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир ба дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 15 иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.

04.07.2023